# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Қосимзода Лутфия Шералӣ таҳти унвони «Барқароршавӣ ва рушди хоҷагии роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1924-1990)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301- Таърихи ватанӣ)**

Гуфтан ҷоиз аст, ки диссертатсия ба масъалаи барқароршавӣ ва рушди хоҷагии роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1924-1990) ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Муаллиф дар асоси таҳлил, таҳқиқ ва баррасии маводҳои мавҷудаи илмӣ ва бойгонӣ рисоларо роҳандозӣ намуда, фикру андешаҳои худро такя ба нишондодҳои таҳқиқот ва мушоҳидаҳо мувофиқи мақсад, вазифаҳо ва фарзияву қазияҳои пешниҳод кардашуда арзёбӣ намудааст, ки онҳо ба нақшаи кории таҳқиқи диссертатсионӣ мувофиқат мекунанд.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ дар он аст, ки мавзуи таърихи барқароршавӣ ва рушди хоҷагии роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми муҳими таърихи роҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад ва аз ин лиҳоз таҳқиқи ин мавзуъ на танҳо дар пешрафти таърихи роҳсозӣ, балки барои ғанӣ гардонидани таърихи Тоҷикистон мусоидат мекунад. Таҳқиқоти таърихи барқароршавӣ ва рушди хоҷагии роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати хронологӣ аз соли 1924 оғоз гардида то соли 1990-ро дар бар мегирад.

Муҳиммияти илмии мавзуи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки дар рисола бори аввал дар шакли рисолаи номзадӣ, дар доираи илми таърих давра ба давра барқароршавӣ ва рушди хоҷагии роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Таҳқиқ намудани таърихи сохтмони роҳҳои нақлиётии ҷумҳурӣ ва мавзеъҳои кишвар яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Бояд қайд намуд, ки омӯзиши таърихи оғози сохтмони роҳҳои вилояти Қӯрғонтеппа

дар солҳои бистум ва ҳаштодуми асри бист яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад ва таҳқиқоти ин мавзуъ ҷанбаҳои илмӣ ва таълимӣ доранд.

Дар баробари ин дар рисола ба тариқи хронологӣ рушди соҳаи хоҷагии роҳҳо дар мисоли минтақаи Қӯрғонтеппа таҳлил гардида, нақши он дар рушди роҳсозии ҷумҳуриявӣ инъикос ёфтааст. Дар рисола инчунин таърихи тоинқилобии сохтмони роҳҳо мавриди омӯзиш қарор гирифта, ҳамчун аввалин роҳҳои хокӣ ва сангфарш нишон дода шудааст. Дар рисола инчунин нақши сохти Шуравӣ дар сохтмони роҳҳои замонавӣ нишон дода мешавад.

Бояд қайд намуд, ки рисолаи диссертатсионӣ ба таҳқиқ ва таҳлили масъалаи муҳими камомӯхташуда – таърихи барқароршавӣ ва рушди сохтмони роҳҳо дар минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои шуравӣ бахшида шудааст. Рушди хоҷагии роҳҳо ва сифати сохтмони роҳҳо яке аз масъалаҳои муҳими давлату ҷомеа мебошад. Бинобар ҳамин сабаб, омӯзиши таҷрибаи зиёд, пайдарпайи дар қабули қарорҳо - ин сабаби сохтмони роҳҳо мегардад. Айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи роҳсозӣ ислоҳотҳои зиёде гузаронида шуда истодааст. Мушкилотҳои пешомада дар вақти гузаронидани ислоҳот барои рушди сохтмони роҳҳо мусоидат мекунад.

Навоварии илмии кори таҳқиқоти муҳаққиқ дар он ифода меёбад, ки дар он бори аввал ҷамъбасти муфассал, ҳаматарафа ва мунтазами таърихнигории омӯзиши таърихи барқароршавӣ ва рушди хоҷагии роҳҳо ва сохтмони роҳҳоро дар минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои шуравӣ анҷом додааст.

Дар ин замина бори аввал дар илми таърихи ватанӣ масъалаҳои зерин, мавзуи диссертатсия, амалан нахустин кори илмии махсус, дар таърихнигории ватанӣ бахшида ба таърихи барқароршавӣ ва рушди хоҷагии роҳҳо дар минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои шуравӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ барои таҳқиқу омӯзиши минбаъдаи мавзуи мазкур пешниҳод шудаанд. Дар рисола дар пояи ақидаҳо ва андешаҳои консептуалии муҳаққиқони маъруф саҳми кормандони хоҷагии

роҳҳо дар минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои шуравӣ асоснок карда шудааст.

Муҳаққиқ мақсади таҳқиқот, объекти таҳқиқот, предмети таҳқиқот ва фарзияи таҳқиқотро дуруст муайян намудааст.

Мақсади таҳқиқот мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор додани омӯзиш ва баррасии таҷрибаи таърихӣ, муайян кардани ҷараёни ташаккул ва инкишофи хоҷагии роҳҳо дар минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1924-1990) дар дохили вилоят ва сохтмони роҳҳои нави минтақа дар байни солҳои 1924 ва 1990 қарни пор мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот, ин омӯзиш ва баррасии масъалаҳои рушди хоҷагии роҳҳо ва сохтмони роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷамъоварӣ ва ба тартиб даровардани фактҳои таърихӣ доир ба рушди сохтмони роҳҳо дар собиқ вилояти Қӯрғонтеппа ва дар шакли назарияи илми таърих ворид кардани онҳо ба рисола ва муайян кардани нақши хоҷагии роҳҳо дар пешрафти ҷомеаи таърихӣ, ба таври хронологӣ таҳлил намудани давраҳои инкишофи сохтмони роҳҳо - ҳамчун мавзуи маркази таҳқиқот, аз нуқтаи назари мантиқӣ исбот намудани факту рақамҳои овардашуда ва тавассути тартиби муайян ба роҳ мондани таърихи сохтмони роҳҳои Тоҷикистон дар мисоли минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон мебошад.

Рисола аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар охири ҳар як боби рисола хулосаи мантиқии маводи илмии таҳлилу баррасишуда ҷамъбаст карда шудааст. Хулосаи умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшуда ба мақсаду вазифаҳои тарҳрезишуда мувофиқат менамоянд.

Мазмуни автореферат ва маводҳои нашршуда ба мазмуни рисолаи таҳқиқотӣ мувофиқат менамояд.

Бояд зикр намуд, ки забон ва услуби баёни маводҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бо меъёри забони адабии тоҷикӣ ҷавобгӯ мебошад.

Кори таҳқиқотии мазкур аз мавқеи муҳимият, ҷиҳати масъалагузорӣ ва баррасию баёни андеша ниҳоят бою ғанӣ, фаҳмо, раво ва устокорона иҷро карда шудааст.

Оиди муҳаққиқ Қосимзода Л.Ш. чунин гуфтаниям, ки вай омӯзгори кафедраи таърихи умумӣ буда, ҳангоми унвонҷӯйи кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ "ДДБ ба номи Носири Хусрав" буданаш ба таҳқиқоти илмӣ муносибати хеле ҷиддӣ дошта, сифатҳои назарраси суботкорӣ, эҷодкорӣ, сермасъулиятӣ, мустақилиятнокӣ, қобилият ва истеъдоди хуби таҳқиқотиро нишон дод.

Бояд қайд намуд, ки дар ин давра аз тарафи ӯ бо баробари бурдани таҳқиқоти назариявию таҷрибавӣ, ба навиштан, таҳия ва чоп кардани мақолаҳои илмӣ, омода намудани маърӯзаю баромадҳо дар конференсияҳои илмӣ ва семинарҳои кафедра эътибори ҷиддӣ дода мешуд. Натиҷаи ин муносибат буд, ки аз тарафи ӯ дар асоси маводҳои таҳқиқотиаш 7 мақола дар нашрияҳои илмӣ чоп гардиданд, ки 4-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофгашта нашр гардидаанд.

Дар асоси гуфтаҳои болоӣ, ба хулоса омадан мумкин аст, ки Қосимзода Л.Ш. ҳамчун муҳаққиқи фаъол, эҷодкор, мустақил, кордон ва соҳибкасб ташаккул ёфтааст ва чун омӯзгор дорои сифатҳои хуби касбӣ-педагогӣ, чун шахсият соҳиби ахлоқи баланди ҳамида буда, дар байни аҳли ҷомеаи устодон ва донишҷӯён соҳиби обрӯю эътибор гаштааст.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои дисертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шуданд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи марбут ба диссертатсияҳои докторӣ (PhD)-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, комилан ҷавобгӯи он мебошад. Автореферати диссертатсия мазмуни онро дуруст инъикос менамояд. Дар ҳамин асос,

диссертатсияи мазкур кори мантиқан ба анҷомрасида ҳисобида шуда, ба дифои кушод тавсия карда шуд.

Ҳамин тавр, диссертатсия дар мавзуи «Барқароршавӣ ва рушди хоҷагии роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1924-1990)» кори мантиқан ба анҷомрасида ҳисобида шуда, он ба бандҳои асосии «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295) ҷавобгӯ буда, муаллифи он - Қосимзода Лутфия Шералӣ – сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301- Таърихи ватанӣ) мебошад.

**Роҳбари илмӣ,**
**мудири кафедраи таърихи умумии**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба**
**номи Носири Хусрав, доктори илмҳои таърих,**
**профессор** **Халилзода (Алимов) Давлаталӣ Халил**

« » ______________ соли 2026

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
Телефон: +992 919 36 35 44
E-mail: adavlatali@mail.ru

Имзои профессор Халилзода (Алимов) Д.Х.- ро
тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДБ ба номи Носири Хусрав: Нажмидинов М.М.

« » 12.02. соли 2026